Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ С.А. Абдулаҳадзода ба яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» бахшида шудааст. Муҳиммияти масъалаи мазкур дар он ифода меёбад, ки интихобот дар шароити давлатӣ демократӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол намуда, иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар раванди идоракунии давлатӣ ва амалисозии соҳибихтиёрии халқ дар ҷомеа таъмин менамояд. Раванди интихоботӣ дар доираи интихобот яке аз масъалаҳои марказӣ ба ҳисоб рафта, давра ба давра ташкил ва баргузор намудани интихоботро ҳамчун яке аз ниҳодҳои асосии давлати демократии Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир ифода менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти таҷрибаи ташкил ва баргузории интихобот ва амалияи ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, масъалаҳои дар доираи он ҷойдошта пайдарҳам мавриди пажӯҳиши амиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Махсусан, дар таҳқиқот усулҳои гуногуни илмӣ истифода гардидаанд, ки сифати пажӯҳиши илмиро дар вобаста ба масъалаҳои баррасигардида баланд бардоштааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо забони давлатӣ таҳия гардида, дар он вожаҳо ва ибораҳои илмии ҳуқуқӣ дар сатҳи баланди мантиқӣ ва мазмунӣ истифода гардидаанд.

Навгонии илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷассумгардида аҳаммияти муҳимми илмӣ дошта, дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои мухаталифи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасигардида таҳия гардидаанд. Онҳо метавонанд, ки ба рушди қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мусоидат намоянд. Муаллиф тафовути миёни раванди интихоботӣ ва маъракаи интихоботиро муайян намуда, бо чунин

далелҳо тасдиқ менамояд: моҳиятан мафҳуми маъракаи интихоботӣ мафҳуми сиёсию иҷтимоӣ буда, истифодаи он барои ифодаи раванди ҳуқуқӣ, ки раванди интихоботӣ ҷузъи таркибии он ба ҳисоб меравад, беасос аст; раванди интихоботӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ мавҷуд буда, он нисбат ба мазмуни маъраҷаи интихоботӣ моҳияти амалу тартиботи ҳуқуқиро, ки субъектони ҳуқуқи интихоботӣ дар ҷараёни ташкилу гузаронидани интихобот ва муайян намудани натиҷаҳои он амалӣ менамоянд, таҷассум менамояд; маъракаи интихоботӣ марҳилаи муайянро ифода намуда, фарогири амалҳо ва тартиботи дахлдори интихоботӣ буда, наметавонад таҷассумгари мазмуни тартиботи сершумори ҳуқуқӣ, ки аз тарафи иштирокчиёни интихобот амалӣ мегарданд, ба ҳисоб равад; инчунин, мафҳуми маъракаи интихоботӣ фарогирандаи фаъолияти номзад, иттиҳодияҳои интихоботӣ, ки барои бадастории натиҷаи муайян дар интихобот аз рӯзи пешбарии номзад, рӯйхати номзадҳо то рӯзи пешниҳоди ҳисоботи молиявии номзад иштирок мекунанд, дарбар мегирад. Ифода намудани амалҳои гуногуни ҳуқуқӣ барои истифодаи як мафҳум вобаста ба мазмун, ҳаҷм ва замон нодуруст ва номуносиб аст.

Дар баробари баррасии масъалаҳои таҳқиқгардида, ҳамзамон ҳолати баҳснокро дар автореферати диссертатсия метавон мушоҳида намуд. Муаллиф марҳилаҳои раванди интихоботиро ба марҳилаи омодагӣ, марҳилаи гузаронидани маъракаи интихоботӣ ва марҳилаи ниҳоии интихобот ҷудо намудааст. Аммо, амалияи ташкил ва баргузор намудани интихобот нишон медиҳад, ки овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ низ марҳилаҳои ҷудошавандаи низоми интихоботӣ маҳсуб меёбанд, вале пажӯҳиши масъалаҳои мазкур дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ва автореферати он баррасӣ ба назар намерасад. Итминон дорам, ки зимни ҳимояи ошкоро таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф роҷеъ ба масъалаҳои мазкур андешаҳои худро баён менамояд.

Эроди зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсир намерасонад.

Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии аз ҷониби муаллиф манзурнамуда ифодагари пажӯҳиши пурра ва ҳамҷонибаи масъалаи раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илми ҳуқуқи конститутсионӣ буда, метавонанд дар сатҳи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва такмили падидаи интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат намоянд.

Дар маҷмӯъ, автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» ҷавобгӯ ба талаботи таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, ба муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақризнавис:**
Судяи Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н.

Имзои Ҷ.Н. Ҷамшедзодаро тасдиқ мекунам:
сармутахассис оид ба кор бо кадрҳо
ва корҳои махсуси Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадалова С.М.
28.11.24.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 48; Тел: (+992 37) 221-23-16; Факс: (+992 37) 221-23-16; E-mail: Jfmshed_j.n1973@bk.ru